**Ёддошти тафоҳум байни**
**Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоти ҷамъиятии “Имкон”**

шаҳри Душанбе «24» 11 соли 2025

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шахси вазир – Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло, ки дар асоси Низомнома амал мекунад (минбаъд - Вазорат) ва ташкилоти ҷамъиятии “Имкон” дар шахсияти Эшонбобоева Х. Б., ки дар асоси Оиннома амал мекунад (минбаъд – Ташкилот), ки дар якҷоягӣ «Тарафҳо» номида мешаванд, Ёддошти мазкурро бо мақсадҳои зерин ба имзо расонидаанд.

**Моддаи 1. Муқаррароти умумӣ**

Мутобиқи Ёддошти тафоҳум, Тарафҳо барои тазмими муваффақияти фаъолият ба шартҳои зерин – тарғиби саломатии равонӣ ва дастгирии маърифати аҳолӣ, ташкили маъракаҳои иттилоотӣ ва огоҳонӣ, таҳқиқот ва пурсишҳои иҷтимоӣ дар бораи муносибати аҳолӣ, таҳия ва пешбурди барномаҳои таълимӣ барои ҷавонон ва ғайраҳо ба мувофиқа расидаанд.

**Моддаи 2. Мақсади Ёддошти тафоҳум**

Мақсади Ёддошти тафоҳум ба роҳ мондани ҳамкориҳо байни Тарафҳо барои ҳифзи саломатии аҳолӣ ва баланд бардоштани маърифатии тиббии аҳолӣ мебошад.

**Моддаи 3. Доираи ҳамкории Тарафҳо**

Тарафҳо дар ҳама соҳаҳое, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои Ёддошти тафоҳуми мазкур алоқаманданд ё заруранд, ҳамкорӣ ба роҳ мемонанд.

**Моддаи 4. Фаъолият**

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорие, ки дар доираи Ёддошти тафоҳум муқаррар шудааст, метавонад дар шаклҳои зерин амалӣ карда шаванд:

- тарғиби саломатии равонӣ ва дастгирии маърифати аҳолӣ дар ин самт тавассути сӯҳбатҳо ва маводҳои оммавӣ;
- омодасозии видеороликҳо ва маводҳои иттилоотӣ (TV, шабакаҳои иҷтимоӣ, YouTube, Инстаграм, TikTok, СМС-паёмакҳо) дар бораи саломатӣ, пешгирӣ аз бемориҳо ва тарзи ҳаёти солим;
- ташкили маъракаҳои иттилоотӣ ва огоҳонӣ (кампанияҳо) дар байни аҳолӣ — бахусус дар ноҳияҳои дурдаст ва байни ҷавонон;

- тренингҳо ва мастер-классҳо барои ҷавонон, омӯзгорон, фаъолони ҷомеа ва кормандони соҳаи тандурустӣ оид ба коммуникатсияи самаранок ва таблиғи саломатӣ;
- таҳияи маводи чопӣ — буклетҳо, флаерҳо, варақаҳои маълумотӣ бо забонҳои гуногун (тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ), то барои ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ фаҳмо бошад;
- таҳқиқот ва пурсишҳои иҷтимоӣ дар бораи муносибати аҳолӣ ба масъалаҳои тандурустӣ, эмкунӣ, ғизо, саломатии равонӣ ва дигар мавзӯъҳо;
- ташкили чорабиниҳои саҳнавӣ ва интерактивӣ — монанди театрҳо, форумҳо, ярмаркаҳо ё флешмобҳо, ки таваҷҷуҳи мардумро ба мавзӯъҳои тандурустӣ ҷалб кунанд;
- таҳияи мундариҷаи мултимедиявӣ (подкаст, барномаҳои радиоӣ, мусоҳибаҳо бо табибон ва мутахассисон);
- ҷалби блогерон ва журналистон барои паҳн кардани иттилооти боэътимод ва мусбӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ;
- таҳия ва пешбурди барномаҳои таълимӣ барои ҷавонон оид ба “Саломатии ман” ва “Зиндагии солим” дар мактабҳо ва донишгоҳҳо;
- пайвастшавӣ бо марказҳои тиббӣ ва беморхонаҳо барои паҳн кардани иттилоот ва таҷрибаи хуби онҳо;
- ташкили шабакаи ихтиёриён барои паҳн кардани маълумоти тандурустӣ дар минтақаҳои дурдаст.

**Моддаи 5. Уҳдадориҳо**

1. Ташкилот фаъолияти худро бо Вазорат дар доираи тадбиқи барномаҳо ва стратегияҳои миллӣ дар самтҳои зикршуда мувофиқа ва амалӣ менамояд. Ҳадафи ин ҳамкорӣ ба ҳадди аксар расонидани ҳифзи саломатии аҳолӣ ва баланд бардоштани маърифати тиббии аҳолӣ мебошад.
2. Дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Ташкилот уҳдадор аст:
- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамкорӣ;
- баланд бардоштани иқтидори институтсионалӣ ва амалии кормандон;
- пешниҳоди маълумот вобаста ба корҳои иҷронамуда.

**Моддаи 6. Маблағгузорӣ**

1. Тарафҳо ба мувофиқа омаданд, ки чорабиниҳои дар ин Ёддошт пешбинишуда аз ҳисоби маблағҳои Вазорат, лоиҳаҳои назди вазорат ва шарикон оид ба рушд ба амал бароварда мешаванд.
2. Ҳама дороиҳои молиявӣ бояд бо Вазорат баррасӣ карда шаванд, махсусан барои пешгирии ҳама гуна хароҷоти ғайри чашмдошт.

**Моддаи 7. Мониторинг ва арзёбӣ**

Бо мақсади таъмини мониторинг ва ҳамоҳангсозии дурусти фаъолиятҳои дар ин Ёддошти тафоҳум зикршуда ва фароҳам овардани шароити мусоид барои

татбиқи онҳо, Тарафҳо якҷоя мониторинг ва баҳодиҳиро дар доираи нақшаи мониторинг ва арзёбӣ таъмин мекунанд.

**Моддаи 8. Тайғирот**

1.Тайғирот ва ислоҳот ба Ёддошти мазкур бо розигии Тарфҳо ва бо протоколи махсус, ки қисми таркибии ин Ёддошт мебошад, ба расмият даровварда мешавад.

2.Баҳсҳое, ки вобаста ба шарҳу эзоҳ ё иҷрои ин Ёддошт ба миён меоянд, бо роҳи машварат ва гуфтушуниди Тарафҳо ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 9. Ҳолатҳои Форс–мажор**

"Тарафҳо" барои қисман ё пурра иҷро нашудани уҳдадориҳои дар ҳамин Ёддошт муқарраргашта дар ҳолате аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд, агар иҷро нашудани он ба таъсири қувваи номуайяни дар натиҷаи ба вуҷуд омадани ҳолати фавқулода, ки онро тарафҳо пешбинӣ карда наметавонистанд, вобаста бошад ва онро бо чораҳои мушаххас пешгирӣ кардан номумкин бошад. Ба қатори чунин ҳолатҳо сӯхтор, офатҳои табиӣ, ҷангҳо, муҳосира, қабули қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқию меъёрии нав аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ таалluқ доранд.

**Моддаи 9. Эътибор ва бекор кардани Ёддошти тафоҳум**

1. Ёддошти тафоҳуми мазкур аз лаҳзаи ба имзо расидани Ёддошт аз ҷониби Тарафҳо, мувофиқи тартиби муқарраршуда эътибор пайдо мекунад ва то 31 декабри соли 2026 эътибор дорад.
2. Амали Ёддошт ба як соли минбаъда тамдид карда мешавад, ба шарте, агар яке аз Тарафҳо на дертар аз се моҳ пеш аз ба охир расидани мӯҳлати навбатии ин Ёддошт дар бораи нияти қатъ кардани он ба таври хаттӣ хабар надиҳад.
3. Ёддошти мазкур дар ду нусха ба забонҳои тоҷикӣ ба имзо расида, матнҳои он дорои эътибор якхела мебошанд.

| | |
|---|---|
| Аз номи Вазорат<br>Вазири тандурустӣ<br>ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз номи Ташкилот<br>директори Ташкилоти<br>ҷамъиятии "Имкон" |
| Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло | Эшонбобоева Х.Б. |